«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ
Шоҳтемур, профессор
__________ Махмадёрзода У.М
аз « 09 » октябри 2020 с

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеи кафедраҳои мелиоратсия тачдидсозӣ, ва ҳифзи замин, заминсозӣ, геодезия ва геоинформатикаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба муҳокимаи кори диссертатсионии Парвизи Ҳотам дар мавзӯи: «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000- мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо.

Диссертатсияи Парвизи Ҳотам дар мавзӯи: «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000- мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо дар кафедраи мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замини факултети гидромелиоративии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур солҳои 2016- 2018 иҷро карда шудааст.

Парвизи Ҳотам соли таваллудаш 1992, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, солҳои 2010 - 2014 ҳамчун бакалавр ихтисоси муҳандис заминсозро хатм намудааст. Ӯ соли 2014 ба зинаи магистри муҳандис заминсозии ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур шомил гардида, онро соли 2016 хатм намуда, баъдан соли 2016 таҳсили илмро дар зинаи докторантураи (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000- мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо давом дода, соли 2019 бо супоридани Аттестатсияи хатм бомуваффақият онро хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ - Акрамов Абдуғафор, номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи геодезия ва геоинформатикаи ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур мебошад.

Аз рӯйи ҷамъбасти муҳокимаҳо чунин хулосагирӣ карда шуд:

**Муҳимияти мавзӯъ.** Дар шароити Тоҷикистони камзамин ҳамагӣ 7 % ҳамворӣ вуҷуд дорад ва бо назардошти афзоиши бовусъати аҳолӣ, қиммати ҳар порча замини корами обӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Мутобиқ ба таҳлили маълумоти омории фонди замини корами обӣ, ба сари ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000 – 2019 аз 0,17 га то ба 0,06 га кам шудааст . Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сол то сол камшавии захираи заминҳои корами обӣ вобаста ба нуфузи аҳолии кишвар ва нокифоя будани азхудкунии заминҳои нав, ба назар мерасад. Шумораи аҳолии Тоҷикистон айни ҳол наздик ба 10 млн нафар мерасад ва ин нишондод мутобиқи пешгӯиҳои демографии ҷумҳурӣ то соли 2030 ба 13 млн. нафар хоҳад расид.

Ҷиҳати дигари ин раванд таназзулёбии заминҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мувофиқи мушоҳидаҳо тақрибан 90 % масоҳати умумии заминҳои кишоварзии Тоҷикистон ба эрозияҳои гуногун дучор шудаанд, ки беҳбудии куллиро талаб мекунад. Аз ҷумла фоизнокии масоҳати заминҳои ба эрозия дучор шуда, нисбат ба масоҳати умумии заминҳои ҷумҳурӣ, вобаста ба намудашон чунин тақсим шудаанд:

- эрозияи обӣ - 41%;
- дефлятсияи хокҳо - 24%
- эрозияи ҷарӣ ё ҷаришавӣ 1,5%;
- дигар намуди эрозияҳо 23,5 %.

Ҳамаи ин ба зарфияти агроландшафти заминҳои кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин лиҳоз, дар асоси таҳқиқоти илмӣ, дақиқ муайян намудани ҳолати воқеии захираи заминҳои корами обӣ ва беҳтар кардани ҳолати мелиоративии онҳо, андешидани чорабиниҳои зарурии саривақтӣ барои барқарор кардани онҳо вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад. Инчунин муайян намудани зарфият ва аз худ намудани заминҳои бекорхобидаи доманакӯҳӣ бо назардошти обёрӣ намудан ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани онҳо, низ аз масъалаҳои мубрами рӯз мебошад. Маҳз дар асоси чунин татқиқоти илмӣ ошкор намудани ҳолати имрӯза ва пешгӯии зарфияти захираи заминҳои корами обӣ водии Данғара бо истифода аз системаи муосири геоиттилоотӣ, яъне (СГИ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои актуалӣ ҳисобида мешавад.

**Натиҷаи нисбатан амиқи бадастовардаи худи докторант, навгониҳо ва аҳамияти амалии онҳо.**

Навгонии илмӣ:

- баҳодиҳӣ ба зарфияти агроландшафти заминҳои обӣ дар водии Данғара бо истифодаи системаҳои геоиттилоотӣ;

- бори аввал дар объекти таҳқиқотӣ ташхисӣ спектрии аксҳои кайҳонӣ гузаронида шуда, инчунин бо истифода аз принсипҳои СГИ ҳолат ва самтнокии нишебзаминҳо муайян карда шудааст;
- тартиб додани базаи маълумот ва тарҳрезии харитаҳои рақамии агроландшафти заминҳои обӣ ва пешниҳодот доир ба дурнамои истифодаи онҳо дар водии Данғара;

**Аҳмияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар асоси кори таҳқиқотии муаллиф маълумоти ҷамъовардашуда барои беҳтар кардани истифодабарии захираи агрозарфияти заминҳои обӣ ба замин-истифодабарандагони водии Данғара кӯмак менамояд. Тавсияҳои истеҳсолии пешниҳодшуда, ҳамчун дастурамал дар фаъолияти сектори аграрӣ истифода шуда, дар пешрафти соҳаи кишоварзӣ бо назардошти зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии баландсифат ва иҷро намудани барномаи давлатии таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ мусоидат менамояд. Инчунин, дастовардҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии мазкур дар раванди барномарезии давлатӣ доир ба аз худ кардани заминҳои нав, обёрӣ кардани онҳо ва тартиб додани дурнамои истифодаи заминҳои обии водии Данғара ва инчунин аз ҷониби донишҷӯён, дар раванди омӯзиши фанҳои ихтисосҳои мелиоратсия баркарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо, заминсозӣ, геодезия ва геоинформатика истифода карда мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Кор шахсан аз тарафи муаллиф иҷро гардида, маҷмӯаи адабиёт, манбаъҳо, коркард ва таълифи диссертатсия шахсан аз тарафи унвонҷӯ анҷом дода шуда, натиҷаи таҳқиқот кори мустақилонаи ӯ мебошад. Дар тӯли ҳама давраҳои иҷрои кори таҳқиқотӣ, ки асоси диссертатсияи мазкурро ташкил медиҳад, муаллиф иҷрокунандаи таҳқиқот буд.

**Дараҷаи дурустии муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодашуда.** Кори диссертатсионии Парвизи Ҳотам ба дараҷаи баланди назариявӣ иҷро карда шудааст. Бояд қайд намоем, ки 93%-и ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӯҳсор ташкил медиҳад ва танҳо 7%-и он ҳамворӣ мебошад ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар як қитъаи хурди замини обёришаванда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қиммати зарро дорад, чунки бе заминҳои кишоварзии обёришаванда таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат ғайри имкон мебошад. Ба ин мақсад дар амал ҷорӣ намудани принсип ва методҳои омехтаи корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ дар самти мазкур бо истифодаи системаи геоиттилоотӣ айни замон зарурӣ шумурда мешавад. Маводҳои кофии таҳқиқотҳои фосилавӣ, хулосаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия асоснок мебошанд. Аҳамияти назариявӣ, амалӣ инчунин натиҷаҳои бадастомадаи кори таҳқиқотии мазкур имкон медиҳанд, ки ҳолати гузашта ва воқеии заминҳои

обёришавандаро дар муддати кӯтоҳ муайян намуда, барои пешгирии ҳолати манфии табиӣ, антропогенӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад. Чунин маҷмӯи чорабиниҳо метавонанд, саҳми худро дар пешрафти соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ва водии мазкур расонанд. Зеро мақсад на танҳо як қисмати заминро беҳ гардондан аст, балки водии Данғара ва дар баробари он масоҳати майдони заминҳои корамии обии ҷумҳуриро низ бояд афзун намоем.

**Таъйид (апробатсия)- и диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Маълумоти ба даст омадаи таҳқиқоти кори илмии мазкур дар кафедраи мелиоратсия таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин ва Шӯрои илмии факултети гидромелиоративӣ муҳокима карда шудааст. Мазмуни асосии диссертатсия ҳамасола дар ҳисобот ва ҷаласаҳои кафедраи мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин ва факултети гидромелиоративии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур баррасӣ шуда, натиҷаи он дар конфронсҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ дар мавзӯъҳои "Идоракунии самаранокии захираҳои об - кафолати рушди устувори кишоварзӣ" бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" (Душанбе, 2018), "Нақши илми муҳандисӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ: масоили мубрам ба рушди соҳа" (Душанбе, 2020) дарҷ гардидааст.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ 6 кори илмӣ, ки дар онҳо мазмуни асосии диссертатсия дарҷ гардидааст, аз он ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 - тои дигар дар маводи конфренсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд. Инчунин, тавсияҳои илмӣ-истеҳсолӣ ба корхонаҳои дахлдор, аз он ҷумла ба Кумитаи идораи замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти лоиҳакашӣ ва таҳқиқотии Фазо, Институти лоиҳакашӣ ва таҳқиқотии Тоҷикзаминсоз, корхонаи воҳиди давлатии "Аэрогеодезия", Кумитаи омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Геологияи Тоҷик ва ғайра пешниҳод карда шудаанд.

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷалаҳои тақризшаванда:**

**[1-М].** Парвизи Ҳ. Баҳодиҳӣ ба ҳолати мелиоративии заминҳои обӣ баъди барқарорсозии шабакаҳои ирригатсионӣ, заҳбуру заҳбар дар ноҳияи Данғара / Ҳ. Парвизи, А.Акрамов, Ҷ. Саидмуродзод // Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, 2019, №3 (61). -С.24-29. ISSN 2218-1814.

**[2-М].** Парвизи Ҳ. Нақши омилҳои экзогенӣ ба зарфияти агрозахираи кишоварзии ноҳияи Данғара дар раванди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ / Ҳ. Парвизи, Ҳ.Н. Сафаров// Маҷаллаи назарявӣ ва илмию истеҳсолӣ. Кишоварз

(Земледелец), ДАТ ба номи Ш.Шотемур, 2019, №4 (85). -С.106-110. ISSN 2074-5435.

**[3-М].** Парвизи Ҳ. Беҳтар намудани инфрасохтори ирригатсионии заминҳои кишоварзии ноҳияи Данғара / Ҳ. Парвизи, А.Акрамов, // Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, 2020, №2 (64). -С.50-54. ISSN 2218-1814.

**Мақолаҳо ва тезисҳо дар маҷмӯаҳои маводи конфренсияҳо:**

**[4-М].** Парвизи Ҳ. Агропатенсиал ва истифодаи самаранокии он дар рушди устувори кишоварзӣ ва беҳдошти заминҳои обёришавандаи водии Данғара / Ҳ. Парвизи, А.Акрамов, Ҳ.Н. Сафаров// Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Идоракунии самараноки захираҳои об- кафолати рушди устувори кишоварзӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”. (Душанбе, 2018).- С. 100-113.

**[5-М].** Парвизи Ҳ. Системаҳои геоинформатсионӣ дар табиатисти-фодабарӣ ва таҷдидсозии замин / Ҳ. Парвизи, А.Акрамов, Н.Н. Нурзода, Ҳ. Мақсуди// Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Нақши илми муҳандисӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ: масоили мубрам ба рушди соҳа”. (Душанбе, 2020).- С. 42-47

**[6-М].** Парвизи Ҳ. Ташхиси спектрии аксҳои кайҳонӣ дар арзёбии ҳолати заминҳои кишоварзӣ аз рӯйи намуд ва таснифи онҳо дар водии Данғара /Ҳ. Парвизи, А.Акрамов, Н.Н.Нурзода, Ҳ. Мақсуди // Конфренсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи СГИ (Душанбе, 2020).- С. 109-115.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Парвизи Ҳотам дар мавзӯи: «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000- мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD- доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқи «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, № 505)» ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Парвизи Ҳотам дар мавзӯи: «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-

доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000- мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо ба ҳимояи асосӣ тавсия карда шавад.

Дар ҷаласа 22- нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: овоз доданд барои тавсияи диссертатсияи Парвизи Ҳотам дар мавзӯи «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000- мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо ба ҳимояи асосӣ **“тарафдор”-** 22 нафар**, “муқобил”-** нест, **“бетараф”-** нест, суратҷаласаи №1 аз санаи 05.10.2020с.

Раиси ҷаласа,
номзади илмҳои техникӣ: Ш.Я. Пулатов

Котиби ҷаласа
омӯзгори калон: М.А. Раҳимов

Личную подпись ...
Заверяю, ...
Пулатов Ш.Я.
Рахимов М.А.